Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

9 феврали соли 2002. Шанбе № 11 (12754)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.

Мавзӯи муҳими рӯз

## Модари солим - фарзанди солим

Аз рӯзҳои аввали истиқлолият мо тарбияи авлоди солимро ҳамчун вазифаи устувор қабул кардем. Вазифаи тарбияи авлоди солимро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардоштем. Тасдиқи он ҳамин мебошад, ки аввалин ордени Ватанамон «Соғлом авлод учун» ном гирифт ва аввалин бунёди ҷамъиятӣ ҳам бо номи Хазинаи байналхалқии «Соғлом авлод учун» созмон ёфт. Баробари ин як қатор қарорҳои ҳукумат, амру фармонҳои Президент интишор ёфт, ки ба тарбияи авлоди баркамол нигаронда шуда буданд. Минҷумла қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ҳам барои амалӣ гардондани ин мақсади накӯ сафарбар гаштааст.

Мо авлоди солим гӯён пеш аз ҳама он авлодеро дар назар дорем, ки на танҳо аз нигоҳи ҷисмонӣ, балки дар айни замон аз ҷиҳати маънавӣ пурқувват бошад, соҳиби афкор, азму иродаи қавӣ, маълумот ва хулқи хуш буда, Ватанро беҳад дӯст дорад. Охир, таҷрибаҳои ҷаҳонӣ собит мекунад, ки давлати бузургро танҳо миллати солим, авлоди солим сохта метавонад.

Вале ҳамагон хуб медонем, ки тарбияи авлоди солим масъалаи оддӣ нест. Вай аз ҳар як инсон, ҳар як оила, тамоми ҷамъият диққату эътибори ҷиддӣ ва меҳнати бардавоми машаққатнокро тақозо дорад. Охир инсонро аз нигоҳи ҷисмонӣ мустаҳкам ба камол расондан масъалаи он қадар мураккаб нест. Вале онро ҳам ҷисмонан ва ҳам маънан инсони баркамол карда ба воя расондан вазифаи ниҳоят мураккаб аст. Ва масъалаи мазкур имрӯзҳо, вақте ки дар ин айёми мураккабу ноосуда мубаризаи мафкуравӣ гоҳ кушоду гоҳ ниҳонӣ давом дорад, аҳамияти ниҳоят калон касб намудааст. Зеро беҳуда Президентамон нагуфтаанд, ки «Халқе, ки фарзандони солим дорад, пуриқтидор мегардад ва танҳо халқи пурқувват соҳиби фарзандони солим шуда метавонад».

Ва ин шиор, ин ибора алҳол дар саросари ҷумҳурият ҷонибдорӣ ёфта, ба мақсадҳои мо мувофиқат мекунад.

Вале ҳамагон хуб медонем, ки албатта, якбора авлоди солимро ба камол расондан аз эҳтимол дур аст. Барои ин мебояд вазифаҳои сершумор, барномаҳои мухталиф ҷомаи амал пӯшонда шаванд, пеш аз ҳама ҳар як инсон бояд дар бораи саломатии худ фикр кунад, ҳар як оила аз паи он бошад, ки баъди худ авлоди солимро вогузорад.

Ва тавлиди кӯдаки солим пеш аз ҳама ба модар, тансиҳҳатии он вобастагӣ дорад. Зан, ки мӯъҷизаи бузурги табиии офаридаи Парвардигор аст, нӯҳ моҳ кӯдакро дар зери қалбаш бардошта мегардад. Худро дареғ намедорад, тамоми ҳаёти худро ба он мебахшад, то ки фарзандашро ба камол расонад, тарбияи дуруст диҳад. Дар ин раванд тамоми чизи баду хуб тавассути организми модар ба зурриёташ мегузарад. Аз заноне, ки саломатиашон ночор, хӯриву изтиробро аз сар мегузаронанд, кӯдаки солим ба дунё намеояд. Ба ҳамин маънӣ эҳтиёт намудани занон, модарон, маънои эҳтиёт намудани кӯдакон, авлодон, билохир эҳтиёт намудани миллатро дорад. Яъне кӯдаки солим дар оилаи солим ба дунё меояд.

Аз ҳамин сабаб мо Соли 1998-ро Соли оила, Соли 1999-ро Соли Бонувон, Соли 2000-ро Соли Авлоди солим, Соли 2001-ро Соли модар ва фарзанд эълон кардем ва мақсад аз чунин эълон гардидани солҳо баробари ҳаллу фасли бисёр муаммоҳо нигарондани диққату эътибори зарурӣ ба самтҳои муҳимтарини устувор, ба масъалаҳое буд, ки аҳамияти калонро доштанду андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо мекарданд. Аз ҳама муҳимаш, барои ҳаллу фасли онҳо аз сафарбар кардани тамоми қувваву имконият иборат буд. Дар айни замон мақсад аз чунин тадбирҳо аз ҳамин иборат буд, ки ҳамаамон аҳлона аз паи кор шавем, сифатҳо ва фазилатҳои аз ҳама беҳтаринро, ки ба халқамон хосу мос аст, намоиш диҳем, таҳкурсии мустаҳкамро баҳри пешрафти минбаъдаи маънавиамон гузорем. Мухтасар гӯем, мақсад аз ҳамаи он гузоштани таҳкурсӣ барои рушди маънавии халқамон, дар ҷамъиятамон минбаъда таҳким бахшидани дӯстӣ ва ризоият, эҳёву рушди арзишҳои ба халқамон мансуб буд, ки аз ниёгон мерос мондааст.

Соли 1999-ро мо Соли Бонувон эълон карда, бар он гувоҳ гардидем, ки шароит баҳри амалӣ гардондани ҳиссу орзуву омоле фароҳам оварда шуд, ки дар қалби одамон ошён гузошта буд. Соли минбаъда, ки соли Авлоди солим эълон гардид, дар бобати ба воя расондан ва тарбия намудани фарзандони мо нақши калоне гузошт. Зеро тадбирҳои Барномаи давлатии дар ин бобат махсусан андешидашуда ҷомаи амал пӯшида, самараи хуби худро бахшиданд. Соли модар ва фарзанд низ натиҷаҳои мусбии худро бахшид. Аз он ҷумла мувофиқи барномаи давлатӣ 90 фоизи тамоми занон аз муоинаи тиббӣ гузаштанд. Дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурият, сохторҳои нав, аз қабили «Скрининги модар ва фарзанд» созмон дода шуд. 500 ҳазор зан аз муоинаи тиббии ин марказҳо гузаштанд. Тадбирҳо оиди ҳифзи ҳомиладорӣ, пешгирӣ кардани онҳо аз ҳар гуна маризиҳо, ройгон таъмин кардани занон бо доруву дармони дорои йод ва табобати камхунӣ, бачагони то чаҳорсола бо ваксинаҳои зидди зардпарвину пешгирии шалли модарзодӣ натиҷаҳои мусбии худро бахшиданд. Барои барқарор кадани саломатӣ ташкили истироҳати тобистонаи модароне ва фарзандоне, ки дар шароити мураккаби экологии ҳавзаи Арал зиндагӣ доранд, диққату эътибори махсус нигаронда шуд. Сохтмони Маркази пелинаталии ҷумҳурӣ ба анҷом расида, бо асбобу ускунаи замонавӣ ҷиҳозонида шуд. Дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳуриятамон умури гинекологӣ ба бачагон ва наврасон созмон ёфтанд. Ҳамчунин Маркази ҷумҳурии таълимиву методии азнавбарқароркунии тандурустии духтарон ва духтарони болиғ ба фаъолият оғоз намуд. Шабакаҳои муассисаҳои табобативу солимгардонии модарону фарзандон вусъат ёфта, заминаи моддиву техникии онҳо хеле мустаҳкам гардид. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили асосии солимгардонӣ дар ҳаёт мустаҳкам маскан пайдо намуд.

Ҳамин тавр, амалӣ гардондани тадбирҳои умумидавлатӣ оиди пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, алалхусус табақаи камбизоати он, таъмини манфиатҳои оила, баланд бардоштани нақши занон, ба вуҷуд овардани авлоди солим имкон доданд, ки моҳиятан вазъи иҷтимоиву демографӣ дар ҷумҳурият беҳтар гардад. Муассисоти оила мустаҳкам гардида, шумораи фавти кӯдакони навзод кам мегардад, бардавомияти ҳаёти аҳолӣ, алалхусус занону бачагон афзун мегардад.

Вале таҳлили вазъият дар маҳалҳо оиди нишондиҳандаҳои тандурустии аҳолӣ дар алоҳидагӣ ба минтақаҳои ҷумҳурият нишон медиҳад, ки тадбирҳои андешидашуда кофӣ нестанд ва дар баъзе маҳалҳо натиҷаҳои матлуб набахшидаанд. Масалан, нишондиҳандаҳои тандурустии аҳолии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, Сурхондарё, Самарқанд, Хоразм аз нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурият паст мебошад. Дар ин бобат ноҳияҳои Бандихон, Бахмал, Чироқчӣ, Кӯшработ ва дигарон аз рӯи моҳият тамоман қафо мондаанд.

Ба мақсади бартараф сохтани ҳамин қабил камбудиҳо, ҳамчунин ба мақсади минбаъда баланд бардоштани дараҷаи маданияти тиббии оилаҳо, таҳкими тандурустии занон, фароҳам овардани шароит барои таваллуд ва тарбияи авлоди солим Девони Вазирон қарорро «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди мустаҳкам кардани тансиҳҳатии занон ва авлоди наврас» қабул кард, ки қарори саривақтӣ буда, дар бобати бартараф сохтани як қатор камбудиҳои мавҷуда нақши муҳиме мебозад.

Мувофиқи қарор комиссияи ҳукуматии доимоамалкунанда фаъолият пеш бурда, вазъи демографиро дар алоҳидагӣ оид ба минтақаҳо ва ҳудудҳо омӯхтаву таҳлил менамояд, тадбирҳоро оиди натиҷабахшии соҳаи тандурустӣ ва ҳаллу фасли муаммоҳое меандешад, ки пешрафти мусбати раванди мазкурро таъмин месозад.

Комиссияи мазкур фаъолияти вазорату идораҳои дахлдорро дар саросари ҷумҳурият дар бобати ба рӯи об баровардани самтҳои устувори маданияти тиббии аҳолӣ, таҳкими оила, тавлид ва тарбияи авлоди солим мувофиқ сохта, назоратро аз болои таҳия, ба рӯи об баровардани мониторинги ҳар як ноҳияи деҳотӣ ва шаҳрӣ оиди иҷро намудани тадбирҳои маҷмӯъгии ҳарсола аз рӯи тавлид ва тарбияи авлоди солим, пурзӯр кардани ғамхорӣ нисбати модарон ва фарзандон, таҳкими оила амалӣ мегардонад. Дар бобати ба рӯи об баровардани вазифаи мақсадноки «Модари солим — кӯдаки солим» нақши худро мегузорад.

Ба зиммаи Вазорати тандурустии ҷумҳурият, Бунёди «Соғлом авлод учун» якҷоя бо дигар вазорату идораҳои ҷумҳурият таҳия намудани барномаи мақсадноки тадбирҳо оиди ба рӯи об баровардани самтҳои устувори баланд бардоштани маданияти тиббии аҳолӣ», таҳкими тандурустии занон, тавлид ва тарбияи авлоди солим, алалхусус дар деҳот гузошта шудааст ва он бесабаб нест. Алҳол дар ҷумҳурият ҳар моҳ ба ҳисоби миёна чил ҳазор кӯдак ба дунё меояд. Ва дар ин бобат миқдор не, балки сифат ба мадди аввал гузошта шавад. Чунки ҳанӯз далелҳое сершуморанд, ки бачагони маъюбу маслуқ ва нуқсондор бештар ба дунё меоянд ва пеши роҳи онро қатъан бояд баст. Дар ин бобат ба рӯи об баровардани вазифаи муҳим «Модари солим — кӯдаки солим» нақши калоне мебозад. Зеро алҳол табибонро он чиз ба ташвиш овардааст, ки дар байни бачагони ба дунё омада ҳамоно кӯдаконе ба чашм бармехӯранд, ки ба маризиҳои дил гирифторанд. Нисфи онҳо аз як сол бештар умр намебинанд. Онҳоро танҳо амалӣ гардондани ҷарроҳии мураккаб наҷот медиҳад. Ва чунин ҷарроҳӣ танҳо соли 1998 дар клиникаи Донишкадаи педиатрии Тошканд чорсад адад гузаронда шуд. Вале талаб ба чунин ҷарроҳӣ дар минтақаҳои дигари ҷумҳурият баланд мебошаду онро қонеъ гардондан аз рӯи имкон нест.

Бояд тазаккур дод, ки афзудани маризиҳо дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурият ба вазъи номусоиди экологӣ вобастагӣ дорад. Аз ҳамин сабаб нишондиҳандаҳо дар бобати гирифтор шудани модарон ва кӯдакон, умуман аҳолӣ ба маризиҳои роҳи нафаскашӣ афзудааст. Ва он бесабаб нест. Алҳол ба муҳити атроф беш аз 150 номгӯй моддаҳои заҳрнок паҳн карда мешавад. Қариб 80 фоизи онҳо ба вилоятҳои Тошканд, Қашқадарё, Бухоро, Фарғона ва Навоӣ рост меояд, ки дар онҳо корхонаҳои саноатӣ бештар мебошанд.

Ҳарчанд дар бадали даҳ соли истиқлолият дар ҷумҳурият миқдори фавти модарон ва кӯдакон 2,5 маротиба кам шуда бошад ҳам, дар ин бобат натиҷаҳо он қадар хурсандибахш нестанд. Зеро маданияти тиббӣ дар оила мувофиқи талаби замон нест. Ҳамоно ҳодисаҳои ба балоғат нарасида ба шавҳар баровардани духтарон ҷо доранду фарзандони носолим ба дунё меоянд. Аз ин рӯ мувофиқи қарори мазкур ба Вазорати адлия, Вазорати тандурустӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шудааст, ки таклифи худро дар бобати маҳдуд сохтани имконияти оила барқарор кардани духтарони синну солашон ноболиғ, баробари ба муҳокимаи Олий Маҷлис пеш гузоштани он супурда шудааст. Дар айни замон ба Вазорати таълими халқ ва Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус супурда шудааст, ки аз соли таҳсили 2002-2003 ба барномаи таълимии хонандагони синфҳои 10-11 мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ ва муҳассилини литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар факултативҳои махсусро татбиқ кунанд, ки онро асосан мебояд мутахассисон — кормандони соҳаи тиб оид ба масъалаи оилаи солим, ақди никоҳ,тавлид ва тарбияи авлоди солим мегузаронанд.

Ҳамин тавр, қарори мазкур дар бобати амалӣ гардондани стратегияи пешрафтамон, ки он ба тарбияи авлоди солим такя мекунад, нақши калоне хоҳад бозид. Вай ба мақсади неки мо нигаронда шудааст, ки он иборат аз эҳтиёт намудани занон, модарон, кӯдакон, авлодон аст. Ва он маънии эҳтиёт намудани миллатро низ дорад.

**Нигора МУҲАММАДХӮҶАЕВА,**
**унвонҷӯй.**



## «Бухоротекс» дар бозори ҷаҳонӣ

Ҷамъияти саҳҳомии «Бухоротекс» яке аз корхонаҳои номдори Ассотсиатсияи «Ўзенгилсаноат» буда, бо пайваста вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот саҳми беандозаи худро мегузорад. Дар ин ҷо 8000 нафар корманд дар се баст меҳнат мекунанд.

Баробари ба даст омадани истиқлолияти Ўзбекистон дар фаъолияти корхонаи мазкур ҳам гардиши куллӣ ба амал омад. Махсусан ҳамкории аҳли меҳнати он бо шариконӣ хориҷӣ мустаҳкам гардид. Аз ин рӯ бисёрии кормандон ба мақсади ошноӣ пайдо кардан бо техника ва технологияи замонавиву аз ҳама навтарини хориҷӣ ба Руминия, Италиё, Югославия, Фаронса, Белгия барин мамлакатҳо сафар карда, асрори касб омӯхтанд, бо навгониҳои соҳаи техникаи бофандагиву ресандагӣ ошно шуданд.

Баробари ин маҳсули дасти онҳо ба хориҷ баровардa шуда алҳол ин маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи ба худ хосеро пайдо кардааст. Оқибат захираи асъори озодтабодули корхона пайваста вусъат ёфта, имконияти харид кардани дастгоҳҳои замонавиро фароҳам меоварад. Дастгоҳҳои кӯҳна бо замонавиашон иваз карда мешаванд. Масалан, соли 1994 дар ин ҷо силсилаи дастгоҳҳое васл карда шуданд, ки ҳар кадом дорои 2592 чархи ресмонресӣ буда, маҳсули дасти кормандони фирмаи «Ритер»-и Швейтсарияанд. Соли 1997 бошад, дастгоҳҳои дорои 5184 чархи ресмонресӣ ба вом харид гардиданд.

Дар давоми чор соли фаъолият бо технологияи нав имкон дод, ки ҳаҷми солонаи тайёркунии калоба ба 1000 тонна расонда шавад. Он бошад, даромади корхонаро аз ҳисоби асъори озодтабодул афзун гардонд ва алҳол пешбинӣ гардидааст, ки ба корхона дастгоҳҳоеро оваранд, ки дар фирмаҳои «Кемницер Шпинeраймашиенбау», «Гроссенхайнер»-и Олмон, «Мурата» ва «Тойодо»-и Ҷопон офарида шудаанд.

Ҳоли ҳозир ҷамъияти саҳҳомии «Бухоротекс» дар бисёр мамлакатҳо хонаи савдои худро кушода, дар он сачоқҳои мухталифи рангдори патнок, сатини либосбоб, газвореро мефурӯшанд, ки барои саноати мебел ниҳоят заруранд. Аз ҳама муҳимаш, ин маҳсулот ба хориҷиён бе ягон миёнарав фурӯхта мешавад.

**Дар сурат:** Қаҳрамони Ўзбекистон **Мартия РАҲМАТОВА** (аз рост дуюм) бо шогирдонаш (аз чап) **Зулхумор КАМОЛОВА, Моҳира РАББОНОВА** ва **Гулчеҳра РАҲМАТОВА.**

**Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ (ЎзА).**

## Корчаллонони итолиёвӣ дар Навоӣ

Корчаллонони итолиёӣ бо ҳамкорон - тадбиргароне, ки дар вилояти Навоӣ кор мекунанд, — роҳбарони фирмаҳои хусусӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои савдо, ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд ва заводҳои консерв вохӯрданд.

Дар вохӯрӣ намояндаи ширкати «Техиндустрия» Массимо Монфредӣ, ширкати «Техноайс»-и Италиё Л.Феррринӣ, сарменеҷерӣ ширкати «ITF» Е.Паволоская, директор оид ба корҳои иқтисодии ҳамон ширкат А.Гугина ва дигарон нутқ эрод карданд. Онҳо дар бораи технологияҳои саноати озуқаворӣ дар ширкатҳои онҳо истеҳсолмешуда ва ҷараёни кори онҳо нақл карданд.

Дар навбати худ тадбиргарони навоигӣ дар бораи баланд шудани шавқу завқ ба технологияи итолёӣ, аз ҷумла, калон будани талабот ба корхонаҳои хурди азнавкоркарди меваву сабзавот, гӯшт, истеҳсоли яхмос ва ба харидани онҳо тайёр буданашон ҳарф заданд.

Тадбиргарони хориҷӣ бо кори агрофирмаи «Дӯстлик»-и комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ, комбинати гӯшти шаҳри Навоӣ, заводи консерви хоҷагии ширкатии ба номи Қосим Қобилови ноҳияи Қизилтеппа, инчунин сехҳои азнавкоркарди ангури хоҷагии ширкатии «Кӯйимзор» шинос шуданд. Дар бораи ҳамкорӣ ба як қатор созишномаҳо имзо карданд.

Тӯҳфа

## Маҷмӯи компутерҳо

Ҳокимияти вилояти Ҷиззах ва раёсати маорифи халқ ба мактаби миёнаи рақами 10 ба номи Шароф Рашидови шаҳри Ҷиззах ба тариқи тӯҳфа ба 12 миллион сӯм маҷмӯи компутерҳои замонавиро ҷудо кард.

Ҷамоаи мактаб ин зумра тӯҳфаро ба муносибати аз рӯи натиҷаҳои соли 2001 дар тамоми вилоят мактаби намунавӣ эътироф шуданашон гирифт. Ба ғайра аз ин, мактаб дар озмуни ҳудудиву минтақавӣ, ки дар байни мактабҳои вилоятҳои Самарқанд, Навоӣ, Сирдарё гузаронда шуд, ҷои аввалро ишғол қард.

**ЎзА.**

## Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

***Маҷлиси навбатии Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал омад.***

***Маҷлис таҳти сарпарастии Раиси Олий Маҷлис Э. ХАЛИЛОВ гузашт.***

Дар маҷлис ҳисоботи раиси Комиссияи Марказии интихоботи Ҷумҳурияти Ўзбекистон А.Аҳадов дар бораи натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ки 27 январи соли 2002 гузаронда шуд, оиди масъалаҳои дар даъвати навбатӣ интихоб кардани парлумони дупалатагии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол шунида шуд. Иштирокдорони маҷлис зикр намуданд, ки натиҷаҳои раъйпурсӣ аз пайваста афзудани фаъолнокии ҷамъиятиву сиёсии шаҳрвандон, ҷонибдории ҳамаҷонибаи роҳи сиёсиву иқтисодии ислоҳот, рушди демократия, қарор ёфтани ҷамъияти шаҳрвандӣ гувоҳӣ медиҳад.

Қарор дар бораи дида баромадани натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар иҷлосияи навбатии Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул гардид.

Аъзоёни Кенгаш нақшаи фаъолияти қонунбарорӣ ва назоративу таҳлилии кумитаҳо ва комиссияҳои Олий Маҷлисро ба соли ҷорӣ муҳокимаву тасдиқ намуданд, ки дар он самтҳои устуворе акси худро пайдо кардаанд, ки аз маърӯзаи Президент Ислом Каримов дар иҷлосияи аввали парлумони Ўзбекистон ва тадбирҳо ба муносибати натиҷаҳои раъйпурсии умумихалқӣ, ҳамчунин ба муносибати Соли эъзози куҳансолон эълон гардидани соли ҷорӣ ҳосил мегарданд.

Ҳисоботи фаъолияти Олий Маҷлис ва роҳбарияти он дар соли 2001 маъқул дониста, феҳристи тадбирҳое тасдиқи худро ёфт, ки кумитаҳо ва комиссияҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои соли 2002 ба рӯи об мебароранд.

Кенгаш дигар масъалаҳоеро баррасӣ кард, ки ба салоҳияти он мансубанд.

Дар маҷлис сарвари Гурӯҳи корбастон оиди равобит бо мақомоти ҳокимияти қонунбарориву судии Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Н.Исмоилов иштирок намуд.

## Ёдбуди шоири бузург



Дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Навоӣ шабнишинии адабиву бадеӣ таҳти унвони «Навоий гулшани» бахшида ба 561-солагии зодрӯзи Алишери Навоӣ ба амал омад. Дар он олимон ва донишҷӯён иштирок намуда, дар бораи роҳи ҳаётии мутафаккири бузург, мероси бузурги эҷодӣ, нафосати ғазалҳо, қувваи фалсафии достонҳои ӯ ҳарф заданд. Дар шабнишинӣ сурудҳо аз ғазалҳои ҳазрати Алишери Навоӣ садо доданд.

## Китобҳои дарсӣ бисёр бошанд

***Дар девони Вазирон маҷлиси васеи Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба татбиқ намудани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо бо иштироки ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишини ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ба амал омад.***

Дар маҷлис зикр гардид, ки натиҷаҳои мусбии муайян дар бобати таъмини муассисаҳои таълими ҷумҳурият бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, таҳияи асосҳои меъёриву ҳуқуқии офаридани китобҳои дарсӣ, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ рағбатнок сохтани муаллифони онҳо, таҳкими заминаи моддиву техникии нашриётҳо ба даст омадаанд. Дар натиҷаи ба иҷро расондани корҳои доманадор низоми маълумоти миёна ба 87,7 фоиз, муассисаҳои таълими олӣ ба андозаи 94 фоиз бо китобҳо таъмин гардидаанд. Нақшаи соли 2001 оид ба интишори китобҳо барои низоми маълумоти миёнаи махсус, маълумоти касбу ҳунар пурра иҷро гардид. Кумитаи давлатӣ оид ба матбуот барои мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ 24,5 миллион нусха китобҳои дарсиро чоп кард, ки нисбати соли 2000-ум 7миллион нусха зиёд мебошад. Баробари ин, зикр ёфт дар маҷлис, ҳаллу фасли як қатор масъалаҳо ба душворӣ сурат мегирад, дар ин бобат камбудиҳо мавҷуданд. Аз он ҷумла, корҳо оиди мувофиқи талаб ва меъёрҳо таъмин намудани фонҳои китобхонаҳои муассисаҳои таълими ҷумҳурият бо китобҳои дарсӣ беҳбудиро тақозо дорад. Дар ҷараёни таълими равишомӯзии муассисаҳои маълумотгирӣ технологияи нави иттилоотӣ, интернет, воситаҳои электронӣ ва таъминот бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ (истифодабарии компутерҳо, ба вуҷуд овардани китобҳои дарсиву китобхонаҳои электронӣ) суст татбиқ мегарданд. Ба ҷалб сохтани кадрҳои соҳибтаҷрибаву номдори илмиву педагогӣ ба чопи китобҳои дарсӣ диққату эътибори зарурӣ дода намешавад. Имкониятҳои иловагии рағбатноксозии муаллифон ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ба онҳо ба қадри кофӣ пурсамар истифода намегарданд. Низоми бевоситаи ба маҳалҳо расонда додану фурӯши китобҳои дарсӣ пурра ба роҳ монда нашудааст. Ҳамчунин масъалаҳои алоқаманди ба низоми таълими бардавоми татбиқ кардани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ки аз рӯи фанҳои «Ғояи миллии истиқлол: мафҳумҳо ва усулиятҳои асосӣ», «Омӯзиши Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» офарида шудаанд, ки дар доираи лоиҳаи ҳамкорӣ бо Бонки рушди Осиё оиди такмил додани низоми чопи китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълими амалӣ гардонда мешаванд. Дар маҷлис сарварони вазорату идораҳои дахлдор оид ба барҳам задани камбудиву хатоҳои мавҷудае, ки дар рафти иҷрои вазифаи муҳим, аз қабили тайёркунӣ ва чопи китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ, бо онҳо таъмин кардани тамоми муассисаҳои таълимӣ, хонандагон ва донишҷӯён роҳ дода шудаанд, супоришҳои махсус гирифтанд.

**(ЎзА).**

## Имкониятҳо зиёданд



***Чуноне ки хабар дода будем, чанде пеш дар маҷлиси васеи вилоятӣ бо иштироки ҳокими вилоят Б. М. ОЛИМҶОНОВ масъалаи аз нав зиёд кардани саршумори чорво ва беҳтар парвариш намудани он муҳокима карда шуд. Дар ин бобат як қатор камбудиву норасоиҳо қайд карда ва баҳри бартараф сохтани он чораву тадбирҳои аниқ андешида шуданд.***

***Хоҷагии ширкатии ба номи Охунбобоеви ноҳияи Сариосиё яке аз он хоҷагиҳост, ки беш аз 13 ҳазор гӯсфанди ҳисорӣ парвариш мекунад. Ҳар сол хоҷагӣ аз ин ҳисоб миллионҳо сӯм даромад мегирад. Соле ки сипарӣ гашт, хоҷагӣ аз ҳисоби гӯсфанди ҳисорӣ беш аз 30 миллион сӯм даромад ба даст овард. Чанде пеш паёмнигори мо бо мудири фермаи гӯсфандпарварии хоҷагии номбурда Тошмурод ХОЛИҚОВ ҳамсӯҳбат гашт.***

— Хоҷагии мо аз рӯзҳои аввали ташкилёбии худ бо чорводорӣ машғул буд, мегӯяд дар оғози сӯҳбат Тошмурод Холиқов. Хоҷагии мо дар воҳаи Сурхон бо парвариши гӯсфанди ҳисорӣ мос гардонида шудааст. Дар мо рӯзҳои аввали ташкилёбӣ ба ин навъи зоти гӯсфанд аҳамияти калон медоданд. Воқеан ҳам ин зот аз дигар зотҳои гӯсфанд сергӯшту равған ва пӯсту пашмаш низ аз дигар гӯсфандҳо фарқи куллӣ дорад. Пештар хоҷагии мо 40 — 46 ҳазор гӯсфанди ҳисорӣ дошт. Ҳоло ин шумора ба 13390 сар расидааст. Ба хотири дуруст ва солим парвариш намудани гӯсфандон мо онро ба отарҳо тақсим намудем. Ҳоло дар мо 22 отар мавҷуд аст. Ҳамаи гӯсфандҳо ба навъҳо ҷудо намуда парвариш карда мешаванд. Масалан гӯсфандҳои пир, қӯчқорҳо, тӯхлӣ, барраҳои он ҷудо — ҷудо парвариш карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир чарогоҳҳои зимистона ва баҳоронаи мо хеле танг шудааст. Масалан, дар чарогоҳҳои баҳорӣ дар кӯҳистони Киштут, Шотрут, Тамшу мо бемалол молҳои худро мечаронидем, ҳоло баъд аз воқеъаҳои солҳои 2001-ум дар ин мавзеъ ҳарбиён ҷой гирифтаанд. Ва мо гӯсфандҳои худро дар ин манотиқ бемалол чаронда наметавонем.

Дар чарогоҳҳои зимистона бошад, аҳвол аз ин ҳам бадтар аст. Дар чарогоҳҳои Бобетоғ 2770 гектар ҷой дорем. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ масоилҳои сарҳад ба миён омад ва боз дар ин ҷойҳо низомиён симхор кашиданд ва мо имконияти пурра дар ин мавзеъ чаронидани гӯсфандҳои худ надорем. Яке аз муаммоҳое, ки моро ба ташвиш овардааст, дар ин мавзеъ нарасидани оби нӯшокӣ мебошад. Аз мавзеъи Лалмикор то чарогоҳи зимистона 30 километр қубури об кашида шудааст. Солҳои тӯлонӣ ин қубур занг зада баъзе ҷойҳояш батамом аз кор баромадааст. Дар натиҷа об намерасад ва мо маҷбур ҳастем, ки як сестерна, обро ба ивази 5 ҳазор сӯм харем. Аз ин ҳодиса тамоми сарони вилоят бохабаранд, вале ҳеҷ кас баҳри бартараф сохтани он ёрӣ намерасонад. Ҳол, он ки дар ин мавзеъ натанҳо чорводорони Сариосиё, балки чорводорни ноҳияҳои Шӯрчӣ, Қумқӯрғон низ ба ин муаммоҳо рӯ ба рӯянд. Хеле хуб мешуд, ки сарони вилоят ва навоҳиҳои Шӯрчӣ, Қумқӯрғон ва Сариосиё зудтар баҳри ҳалли ин мушкилот чорае меҷустанд. Дигар муаммое, ки моро хеле ба ташвиш овардааст, ин нарасидани доруворӣ мебошад. Имрӯзҳо дар он чарогоҳҳое, ки гӯсфандҳои мо мечаранд, сабза дамидааст ва гӯсфандҳо хоҳу ноҳоҳ сабзаро бо партовҳои ҷонварони ваҳшӣ якҷоя мехӯранд ва дар натиҷа пас аз чанд рӯз дар шиками онҳо ҳар гуна кирмҳо пайдо мешаванд. Барои нест кардани ин кирмҳо дору зарур аст. Агар сари вақт дору надиҳем, гӯсфандҳо нобуд мешаванд. Бояд сарраёсати табобати ҳайвонҳои вилоят ба мо дар ин бобат ёрӣ расонад. Муаммои дигар ин аст, ки дар чарогоҳҳои зимистона ва баҳорӣ даррандаҳо — аз қабили гург бисёр шудаанд. Сагҳои чӯпонӣ аз гургҳо гӯсфандҳоро пурра муҳофизат карда наметавонанд. Бояд ба ҳар як рама як милтиқи шикорӣ ҷудо карда шавад. Барои захираи хӯроки чорво беда ва хӯроки дағал намерасад. Илова бар он дар хоҷагӣ 10 гектар заминро барои парвариши беда ҷудо кардан лозим.

Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда чорводорон имрӯзҳо баҳри солиму беталафот баровардани гӯсфандон тамоми таҷрибаи хешро ба кор мебаранд. Онҳо ба мисли Саъдулло Рауфев, Аҳадқул Муҳаммадов. Абдураҳим Ниёзов, Муродалӣ Акрамов, Икромиддин Назаров мебошанд. Гӯсфандпарварӣ басо кори заҳматталаб аст. Дар урфият мегӯянд, ки мол дорӣ — мотам дорӣ. Ин нукта душворӣ ва нозукиҳои кори ин соҳаро дар назар дорад. Аз ин хотир, аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин соҳа аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҳар як чорводор бояд душвории ин соҳаро ба назар гирифта, аз имконияту шароит оқилона истифода барад.

**Мусоҳиб**
**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

